# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10-02-00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (Ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ)» ба таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи фонетикию лексикии матнҳои фолклории Сари Хосор бахшида шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар рушди забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он равиши наву замонавӣ пайдо кард. Линвофолклористика ҳамчун илм ва фанни таълимӣ, ки яке аз бахшҳои илми забоншиносӣ маҳсуб мешавад, дар солҳои 70-уми асри XX пайдо гашта, ривоҷ ёфтааст. Таҳқиқоти мазкур дар забоншиносии тоҷик сарoғози омӯзиши мукаммали лингвофолклористии матнҳои фолклорӣ ба шумор меравад.

Яке аз хусусиятҳои умдаи пажуҳиши забони жанрҳои гуногуни матнҳои фолклорӣ бо назардошти масъалаҳои лингвофолклористӣ дар он зоҳир мегардад, ки тавассути таҳқиқи онҳо вазъи забони адабию гуфтугӯӣ, лаҳҷаҳо, ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ, касбу кор, ҳунар, шуғл, рӯзгор, расму оин, маросимҳо, мавқеъ, шароити зиндагӣ ва дар умум таърихи мардум ва давру замони муайян дар муқоиса бо забони адабию лаҳҷаҳо ва ҳаёти муосири он аён мегардад, ки ин нуктаҳо мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро ташкил додаанд.

Диссертант зимни таҳқиқ вобаста ба мавзуъ асарҳои зиёди донишмандони хориҷию ватаниро оид ба забоншиносию фолклоршиносӣ ва лингвофолклористика омӯхта, натиҷагирӣ кардааст.

Мақсади асосии таҳқиқро омӯзишу баррасии ҷанбаҳои овоию вожагонии лингвофолклористикаи Сари Хосор ва вазифаҳои онро пажуҳиши масъалаҳои назариявӣ дар робита ба забон, фолклор ва

лигвофолклористика, хусусиятҳои овозии фолклори Сари Хосор, таҳқиқи ҳодисаҳои фонетикӣ, ҷанбаҳои лексикии фолклори Сари Хосор, муайян кардани дараҷаи истифодаи диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор ва таснифи онҳо ташкил додаанд.

Асоси назариявию амалӣ ва методологии таҳқиқоти мазкур асарҳои илмиву назариявӣ ва амалии забоншиносону фолклоршиносоне, ки соҳаҳои мухталифи забону фоклорро дар робита ва минбаъд ҳамчун илми мустақили лингвофолклористӣ таҳқиқ намудаанд, маҳсуб мешавад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия метавонад ба муҳаққиқон, пажуҳишгарон, мутахассисони соҳаи забоншиносӣ, фолклоршиносӣ, лингвофолклористика ва дар умум донишмандон, олимон ва ихлосмандони соҳаҳои гуногуни зикрёфта роҳнамо бошад.

Асосҳои методологии таҳқиқро истифодаи усулҳои мушоҳида, шарҳдиҳӣ, таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ, ҳамзамонӣ (синхронӣ) ва ё таърихӣ (диахронӣ) ташкил додаанд.

Навоварии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, сароғози истифодаи истилоҳи **лингвофолклористика** ва ҳамчун илм ва фанни таълимии мустақил шинохта шудани он дар забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

Масъалаи аз назари лингвофолклористӣ амалан ба роҳ мондани пажуҳиши матнҳои фолклорӣ, алалхусус фолклори Сари Хосор, дар илми забоншиносии тоҷик бори аввал аст. Ва ин метавонад барои таҳқиқи маводи фолклорӣ дар забоншиносии тоҷик замина гузорад.

Ҳамчунин дар асоси натиҷа ва хулосаи таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои лингвофолклористӣ мумкин аст дар муассисаҳои илмӣ ва таълимии ҷумҳурӣ лингвофолклористика ҳамчун соҳаи илм, фан ва ё ихтисоси нав ба роҳ монда шавад.

Бо назардошти аҳаммияти амалии таҳқиқ натиҷаи диссертатсия метавонад дар муассисаҳои илмию олии таълимӣ зимни машғулиятҳои назариявию амалии фанҳои марбут ба забоншиносию фолклоршиносӣ ва лингфолклористика, ҳамчунин курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба лаҳҷашиносӣ, фразеология ва услубшиносӣ, инчунин ҳангоми тартиб

додани луғату фарҳангҳои лингвофолклористӣ, диалектологӣ, фразеологӣ ва барномаҳои таълимӣ, маҷмуаи таълимию методӣ ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои зикргардида истифода гардад.

Диссертатсия мутобиқи ихтисосҳои забоншиносӣ, фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ таҳия шуда, заминаи таълифи он бо равишҳои илми филология ва нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии самтҳои афзалиятноки рушди илм мувофиқат менамояд.

Кори таҳқиқии Н. И. Насимов дар забошиносии тоҷик як нававарии илмӣ ва муайян сохтани хусусиятҳои фонетикию лексикии матнҳои фолклории Сари Хосор, ки то имрӯз ба таври диссертатсионӣ таҳқиқ нагардида буд, нишонаи навгонии кор маҳсуб меёбад.

Хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифта, пешниҳод ва тавсияҳо ба мантиқи таҳқиқ муносиб мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ мустақилона навишта шуда, масоили матраҳшуда пайиҳам ва мантиқан тарҳрезӣ гардида, дорои мазмуну муҳтавои ягонаи илмӣ мебошад.

Натоиҷ, хулосаю тавсияҳо ва нукоти илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10-02-00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад.

Муҳтаво ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 3 монография, 2 луғат ва 24 мақола, ки 20-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ч,умхурии Точикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи кори диссертатсионӣ алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия низ мазмуну мухтавои диссертатсияро фаро мегирад. Теъдоди мақолаҳои илмии нашркардаи диссертант ба талаботи

бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат мекунанд.

Дар диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич маводи истифодашудаи иқтибосӣ бо ишора ба муаллиф ё маъхаз пешниҳод гардидааст. Ин гувоҳи он аст, ки банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» риоя гардидааст.

Хулосаи умумии диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ, мазмуну муҳтаво ва моҳияти масъалаҳои асосии корро муайян намуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсиониро нишон медиҳад. Муҳиммии таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши илмию амалии корро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сар Хосор (Ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ)» кори таҳқиқии анҷомёфта ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10-02-00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дарачахои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (Ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ)» кори анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10-02-00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд,

ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Салимов Рустам Давлатович** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рудакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидан ба нишониҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
узви Шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода Сахидод

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
узви Шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода

доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Нуров Пирмуҳаммад

08.07.2024